1

Суратҷаласа №1

Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВД "Обу корези Душанбе"

13 августи 2016 сол. ш.Душанбе

**Иштирок доштанд**: Қаландаров Саидмурод- Сардори департаменти оби нӯшокии КВД "Обу корези Душанбе, Ҷаборов Фирдавс – Сардори фурӯши оби КВД "Обу корези Душанбе, намояндагони Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон, аъзоёни шӯрои машваратӣ.

**Иштирок надоштанд**: 2 нафар аъзоёни шӯро.

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баромади Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба маълумоти мухтасар дар бораи Шӯро ва шиносоӣ бо аъзоёни он;
2. Истифодаи обҳисобкунакҳо, хусусан дар маҳалаҷойҳо;
3. Ҷой доштани далелҳои фишори пасти интиқоли оби нӯшокӣ дар к.Фирдавсӣ;
4. Қатъ шудани обёрии наздиҳавлиҳо барои обпошии ниҳолу дарахтҳо.

Сароғоз Раиси Шӯрои машваратии ҷаъмиятӣ – Қаландаров С. иштирокчиёнро хайрамақдам намуд. Дар баромади худ мақсади таъсис ва вазифаҳои Шурои машавваратию ҷаъмиятиро ба аъзоёни он равшанӣ андохт.

Баъдан оиди масъалаи якуми пешниҳодшуда баромад намуда, қайд намуд, ки яке аз проблемаҳои муҳими рӯз ин нигоҳдории ҳолати коршоямии обҳисобкунакҳо дар маҳалаҷойҳо ва ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо оиди нигоҳдории он мебошад. Аз сабаби он, ки обҳисобкунакҳо дар дохили бинои истеъмолкунандагон мебошад, ҳолати нигоҳдорӣ ва бехатарии онро истеъмолкунандагон риоя намекунанд. Ҳолатҳое мешаванд, ки миёни истеъмолкунандагон ва таъминкунанда нофаҳмиҳо оиди ҳуқуқу уҳдадории нигоҳдории бехатарии ҳисобкунакҳо ба миён меоянд.

Қаландаров С.изҳор намуд, ки оиди ин масъала бояд тариқи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни истеъмолкунандагон ба воситаи аъзоёни Шӯро, пешниҳоди брошюраю буклетҳо оиди ҳуқуқу уҳдадории истеъмолкунандагон, тавассути Воситаҳои ахбори омма амалӣ намуда шавад.

Оид ба масъалаи дуюм бошад Қаландаров С. Қайд намуд, ки дар ноҳияҳои пойтахт, ки бо ҳисобкунакҳо ҷиҳозонида шудаанд, ҳолатҳои ҷой доштани фишори пасти об дар қубурҳо мушоҳида намегардад. Вале ҳастанд он биноҳое, ки бо обҳисобкунак насб нашудаанд ва обро сарфакорона истифода намебаранд,

ҷумакҳои обро кушода мемонанд аз ин лиҳоз фишори оби нӯшоки паст ба назар мерасад. Дар оянда баъди насб бо обҳисобкунакҳо ин мушкилот аз байн меравад.

Дар хусуси масъалаи сеюм яке аз аъзоёни Шӯро баромад намуда қайд кард, ки дар кучаи Фирдавсӣ 27/3 зиндагонӣ менамояндӯ истиқоматкунандагонро он ба ташвиш овардааст, ки дар назди бинояшон ниҳолу дарахтони зиёд шинондаанду вале ҷумакҳои оби назди биноро маҳкам намудаанд, инҷо савол ба миён меояд чи гуна ба ниҳолу дарахтон обёрӣ намоем?

Оид ба истифодабарии оби нӯшокӣ бо мақсади обёрии ниҳолҳову сабзазорҳо дар минтақаҳои ҳавлигии ноҳияҳои шаҳри Душанбе, аз тарафи намояндаи Қаландаров С. КВД «Обу корези Душанбе» қайд гардид, ки масъалаи мазкур аз рӯи тобеъият ба Раёсати ирригатсияи шаҳри Душанбе вобаст карда шуда, истифодабарии оби нӯшокӣ бо ин мақсад манъ аст.

Аъзоёни Шӯро фикру ақидаи худро оиди масъалаҳои қайдгардида иброз намуда, намояндаи таъминкунандаи оби нӯшокӣ (КВД «Обу корези Душанбе») аз ҳозирин баҳри баланд бардоштани маданияти истеъмолии сокинони пойтахт амалӣ намудани тадбирҳои фаҳмондадиҳиро зимни кор бо аҳолӣ хоҳиш намуд.

Дар охир Шӯрои машваратӣ Қарор қабул кард:

1.Оиди нигоҳдории ҳолати техникии ҳисобкунакҳо, ҳуқуқ ва уҳдадории истеъмолкунандагон бояд дар якҷоягӣ бо таъминкунанда ва аъзоёни Шӯро тариқи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба истеъмолкунандагон амалӣ намуда шавад.

2.Оиди масъалаи дуюм, дар бинохое, ки обҳисобкунак насб нашудаанд ва аз сабаби он ки истеъмолкунандагон обро сарфакорона истифода намебаранд, ҷумакҳои обро кушода мемонанд аз ин лиҳоз фишори оби нӯшоки паст ба назар мерасад. Дар оянда баъди насб бо обҳисобкунакҳо ин мушкилот аз байн меравад ва ин ҳолат ҳам бояд аз ҷониби тарафҳо ба истеъмолкунандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад.

3. Оид ба истифодабарии оби нӯшокӣ бо мақсади обёрии ниҳолҳову сабзазорҳо дар минтақаҳои ҳавлигии ноҳияҳои шаҳри Душанбе аз рӯи тобеъият ба Раёсати ирригатсияи шаҳри Душанбе вобаст карда шуда, истифодабарии оби нӯшокӣ бо ин мақсад манъ аст.

Ҷаласаи навбатии Шӯро дар даҳаи дуюми моҳи сентябри соли 2016 баргузор мегардад.

Раиси Шӯро: Қаландаров С.

Котиб: Табаров И.